**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №4, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №4, 2014**

---

**УДК: 332+1 тадж.** **ҲАМИДОВ У.Т.**[1]

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Аслан бо донистану огаҳӣ аз таърихи ҳар ҷодаи фаъолияти иҷтимоӣ имкони таъминиояндаи рахшони он бештар мегардад. Маҳз ба ҳамин хотир муаллиф дар доираи ҳамин чанд саҳифаи мақола бо такя ба зумрае аз манобеи илмӣ-таърихӣ раванди густариши тадриҷии тарбияи ҳуқуқии халқи тоҷикро дар тамоми давраи аҳди шӯравӣ баррасӣ кардааст.

Ҷиҳати аз ҳама мавриди таваҷҷуҳи кор ин аст, ки кулли марҳилаи рушди тарбияи ҳуқуқии халқи тоҷик аснои тобеияташ ба давлати шӯравӣ дар доираи чаҳор зинаи хурди таърихии аз ҳам тафовутдоштаи ҳамин давра ба таври хронологӣ батафсил шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** тарбияи ҳуқуқӣ, қонунгузориҳо, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, мақомоти интизомӣ, мактабҳо, донишҳои ҳуқуқӣ, шаҳрвандон, халқи тоҷик, давлати Шӯравӣ.

Бо итминони саддарсадӣ гуфтан мумкин аст, ки давраи таърихан аз ҳама беҳтарин ва беназир дар рушди тарбияи ҳуқуқии халқи тоҷик ин, замони пойдории ҳокимияти шӯроӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна буд. Зеро маҳз шурӯъ аз ҳамин айём дар минтақа донишҳои воқеан ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, батадриҷ ҷойгузини меъёрҳои динӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи исломӣ мешаванд ва ба худ симои ҳуқуқи шӯравиро мегиранд. Ҳамзамон бо ин, тарбияи ҳуқуқии ҷиддан рушдёбанда ҷиҳати паҳншавӣ ва тарғиб ёфтани асноди ҳуқуқӣ миёни қишрҳои мухталифи аҳолӣ мусоидат намуда, аз сӯи дигар ба ривоҷу нуфузёбии пояи назариявии илми ҳуқуқшиносӣ низ заминагузор мешавад [2, 10].

Аслан бо эътирофи аксари олимон ва донишмандони соҳа айёми номбурда ба марҳилаи сеюми рушди ҳуқуқии халқи тоҷик рост омада, он аз соли 1920 то 1990-ро дар бар мегирад, ки маҳз дар ҳамин давра пешрафти кори тарбияи ҳуқуқӣ зери таъсири идеологияи сотсиалистӣ дар тафовут аз дигар мароҳили таърихӣ дар шакли куллан ҷадид сурат мепазирад. Зеро асосан тайи ҳамин солҳо, ки ҳамчун айёми ташаккули Тоҷикистони шӯравӣ дар саҳифоти таърих сабт шудааст, аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқу тартибот ҷиҳати барпокунию густаришбахшии донишҳои ҳуқуқӣ ва ҳамчунин ба фаҳми табақаҳои гуногуни аҳолӣ таҳвил додани онҳо таҷрибаи лозима андӯхта мешавад.

Аммо лозим ба гуфтанист, ки дар солҳои мухталифи ҳамин айём кори тарбияи ҳуқуқии насли наврас дар умум аҳолӣ, вобаста ба сифату суръати такомули хеш мудом мувоҷеҳи тағйирот мегардад. Биноан, бо такя ба андешаҳои аз бисёр лиҳоз ҷолиби таваҷҷуҳи олими тоҷик Давлатов Ф.Ш. метавон онро ба чаҳор давраи нисбатан хурди таърихӣ ҷудо кард ва мувофиқ ба ҳар кадом шарҳу тавзеҳи муайянро низ пешниҳод сохт. Инак мутаносибан, вазъи тарбияи ҳуқуқиро дар ҳар яке аз ин чаҳор даврони нисбатан кӯтоҳи таърихӣ дида мебароем.

---

[1] **Адрес для корреспонтенции:** Хамидов Умед – соискатель в области педагогики, старший научный сотрудник Института развитие образования Академии образования Таджикистана; г. Душанбе, проспект С. Айни 45,тел.: +992 (37) 224 32 31, (918) 74 15 51; E-mail: umed_tajik@mail.ru

**1) 2 сентябри с. 1920 – 16 октябри с. 1929.** Ҳанӯз дар оғози қарни XX-ум бархӯрди ақоид атрофи судмандии таҷрибаи инфиродӣ бобати камолёбии шахс ҳамчун шаҳрванд дар педагогикаи аврупоӣ [5, 15], мӯҷиби амалишавии иқдомот доир ба роҳандозии таҳсилоти бонизому ҳадафманд ба сифати ягона роҳи вусъатбахшии доираи ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи фард дар миқёси ИҶШС мегардад. Яъне баъди сарнагун шудани ҳокимияти амирӣ дар Бухоро, новобаста аз он ки он ҳангом Осиёи Миёна солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандиро аз сар мегузрониду баробари мубориза бурдан бо ҳаракати босмачигарӣ талоши эҳёи ба коми даргириҳо рафтаи хоҷагии халқро мекард, ҷараёни ривоҷёбии фарҳанги ҳуқуқии сокинони минтақа низ тадриҷан рӯй ҷониби воқеият мениҳад. Аз ҷумла, ҷиҳати амалишавии ин раванд дар навбати аввал фаъолияти мақомоти олии ҳизбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва созмонҳои ҷамъиятӣ, ки роҳёфти донишҳои ҳуқуқиро пеш аз ҳама дар худ имконпазир мегардониданд, аз бисёр ҷиҳат мусоидат мекард. Аниқтараш дар ин давраи ташаккули огаҳии ҳуқуқии халқи тоҷик, ки зинаи нахусти барқароршавии ҳокимияти шӯравиро дар ҶАССТ дар бар мегирад, комиссариати адлия, додгоҳҳои халқиву маҳаллӣ, мақомоти додситонӣ, ҳамчунин соири ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мисоли иттиҳоди “Кашчӣ” – иттифоқи ҷуфтгарон, иттифоқҳои касабаву комсомолӣ ва ҳар гуна марокизи фарҳангию фароғатӣ, аз қабили китобхонаву қироатхонаҳо, клубу чойхонаҳо ва амсоли ин муассисоти гуногун саҳми фаровон доштанд. Чунончи, таъмини густариши маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва дар ҳамин радиф насли наврас аз сӯи ҳамагӣ муассисоти номбурда, асосан зимни ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мухталифи характери сиёсиву фарҳангидошта, монанди тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна, маҳви бесаводӣ, маъракаи пешазинтихоботӣ, ҳамзамон бо ба фаъолият шурӯъкунии мақомоти ҷудогонаи ҳокимияти давлатӣ, қудратӣ, маориф, тандурустӣ, иддае аз корхонаҳои таъиноти гуногун ва ғайра ба амал баровaрда мешуд.

Гузашта аз ин, бобати роҳ ёфтани донишҳои ҳуқуқӣ ба рӯзгору зиндагонии мардум нашри санадҳои ҳуқуқӣ дар шакли китобчаҳои ҷудогона ва ҳатман дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, ки он даврон танҳо ҳамин намуди васоити ахбори омма арзи вуҷуд доштанд, мавқеи хоса дошт. Чаро ки маҳз чунин ҳолати татбиқи огаҳии ҳуқуқии аҳолӣ имкони бештар фароҳам месохт, то ки нуқтаҳои нисбатан муҳими қонунгузориҳо дар шакли мисолҳои мушаххас шарҳу тавзеҳи худро пайдо кунанд [2, 14].

**2) Солҳои 1929 – 1949.** Азбаски табиатан зуҳур кардани қазияи тарбияи ҳуқуқии афроди наврас дар шакли бомарому нисбтан ҷиддӣ ва амалишавии роҳҳои ҳалли он ба ташаккулёбии таърихии ҷомеа ва низоми давлатдорӣ бастагӣ дорад, бинобар ин ҷараёни мазкур баъди қабул шудани эъломия оид ба тағйирёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҶШСТ (16 октябри с. 1929), асосан хусусияти оммавиро ба худ мегирад. Ин аст, ки тавре таҳлилу баррасии муҳтавои таҳқиқотҳои анҷомшуда дар ин самт нишон медиҳанд, тӯли солҳои 30-юм ва 40-уми қарни гузашта доираи субъектҳои таъминкунандаи ривоҷи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, хоса насли наврас тадриҷан васеъ мегардад ва худи донишҳои ҳуқуқии таҳвилёбанда ба шуури ҷомеа низ, дар қиёс бо солҳои 20-ум мушаххасии бештар пайдо мекунанд. Чунончи теъдоди муассисоту мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ он вақтҳо, аллакай бамаротиб афзуда, мароми фаъолияти худро асосан ба таҳкими низоми ҳуқуқу давлатдории навин нигаронида буданд. Яъне, бино ба ишораи боварибахши олим-педагог Давлатов Ф.Ш. ҳадафи ташкил ва бароҳмонии кори тарбияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ҳудуди солҳои 1929 – 1949 аз ҳалли вазифаҳои бунёди сотсиализм, зарурияти фаҳмонидани асосҳои қонунҳои шӯравӣ, ки аз ҳама муҳимтаринашон Конститутсияи ИҶШС

(СССР), Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, қонунҳо оид ба интихобот, қарорҳои ҳизбӣ ва ҳукумат мебошанд, инчунин шарҳи фаъолияти низоми идроти адлия, муассисаҳои таълими ҳуқуқии зинаҳои мухталифи касбӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва ҳар гуна сохторҳои фарҳангӣ иборат буд [2, 14]. Ёдовар мешавем, ки вобаста ба тамоюли болоравӣ кардани мизони дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар Тоҷикистон, маҳз солҳои 30-юм, яке аз аввалин намуди техникии ВАО – радио пайдо мешавад ва он, албатта мисли дигар ниҳодҳои иҷтимоии ҷадид ба кори тарбияи ҳуқуқии минтақа равнақи тоза мебахшад. Аммо ин ҳам дар ҳоле буд, ки дар солҳои 40-ум ҷанги хонумонсӯзи Бузурги Ватанӣ ва давраи баъдиҷангӣ ба як кишваре мисоли Тоҷикистони ҷавон баромадан аз вартаи мушкилоти азимро пеш овард.

**3) Солҳои 1950 – 1970.** Ҳамагӣ вазъи тарбияи ҳуқуқӣ, ки то ин вақт дар миқёси ҷумҳурӣ мушоҳида мешуд, ҳамакнун тавонист дар авҷи камолоти давлати шӯравӣ ҳамчун таҷрибаи муфид ҷиҳати дар сатҳи хеле воло воқеъёбии ҳамин ҷараён заминаи басо созгор фароҳам орад. Бар асари ин, таи солҳои 50 – 70 таъмини тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла насли наврас ва бад ин тариқа мусоидат дар рушди шуур ва фарҳанги ҳуқуқии эшон яке аз қисматҳои муҳими сохти ҳуқуқии ҷумҳурӣ мегардад. Дар ин асно ба ҳайси тарғиботчиён ва шарҳдиҳандагони меъёрҳои ҳуқуқу қонунгузориҳо дар қатори ҳайати кории мақомоти ҳомии ҳуқуқ, инчунин фаъолони ҷамъиятии кормандони дастгоҳи давлатӣ, роҳбарони истеҳсолот ва дигарон, ки салоҳияти иҷрои чунин амалро доштанд, баромад мекарданд. Махсусан хусусияти сиёсӣ-оммавӣ пайдо кардани ҳамин раванд вобаста ба доиршавии маъракаҳои райъпурсии умумихалқӣ дар шакли бисёр муташаккилона ва бомаром сурат мегирифт. Яъне бахшида ба ин санаҳои сиёсӣ аз ҳар гуна васоити имконпазири тарғиботӣ босамар истифода карда мешуд. Барои мисол, ба манзури райъдиҳандагон ходимони шинохтаи ҷамъиятӣ, олимону адибон, намояндагони соҳаи фарҳанг, мақомоти интизомӣ бо лексияву маърӯзаҳо баромад карда ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро барояшон шарҳ медоданд, иловатан соатҳои саволу ҷавоб ва намоиши кинофилмҳо низ гузаронида мешуданд. Ин ҷо афзалият дар он дида мешавад, ки чунин тадбирҳои сиёсӣ-оммавӣ миёни ҳама қишрҳои аҳолӣ, дар маҳали истиқомати интихобкунандагон борҳо ба таври тафриқа барпо мешуданд, яъне бо ҷамъоварии занону ҷавонон дар алоҳидагӣ. Аз ин ҷост, ки гуфта мешавад давоми солҳои 50 – 70 кулли маъракаҳои райъпурсӣ бобати интихоби вакилон ба Шӯрои олии ИҶШС, Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, шӯроҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва рустоҳои ҶШС Тоҷикистон ба таври шаффову муташаккилона ҷараён гирифтанд [2, 15-16].

Ин ҷо хато мебуд, агар аз фаъолияти созандаи субъектҳои тарбияи ҳуқуқии он даврон камубеш дар алоҳидагӣ ёдовар нашавем. Зимнан, басо рамзист, ки ҳар гуна соҳаи тарбия берун аз низоми мактабу маориф аз рушди комил бенасиб хоҳад монд. Ин аст, ки он ҳангом дар тарғибу ташвиқи донишҳо роҷеъ бо муҳтавои қонунгузориҳо миёни афроди наврас ва дигар табақоти меҳнаткаш муассисоти таҳсилотӣ (мактабҳои миёна ва зинаҳои мухталифи касбӣ, курсҳои такмили ихтисос, донишгоҳҳои халқӣ, ҷамъияти “Дониш”) саҳми шоиста доштанд. Масалан, тибқи ҳуҷҷатҳои таърихӣ тайи чандин солҳо, аниқтараш аз соли 1936 то соли 1959 дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ омӯзиши ҳатмии фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” (дар синфи 8-ум) дар ҳаҷми 70 соат муқаррар ва амалан таълим дода мешуд [6]. Ҳамчунин дар марҳилаи баррасишаванда донишҷӯёни макотиби таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ низ аз муҳтавои фанни мазкур, вобаста ба равияву ихтисоси интихобнамудаашон дар ҳаҷми муайян баҳравар мешуданд. Бидуни муҳобот, чунин ҳолат аз як тараф, аллакай дар ҳамин давра бобати дар шакли хеле маромноку бонизом роҳандозӣ шудани тарбияи ҳуқуқии афроди наврас шароити зарурӣ фароҳам оварда, аз сӯи дигар

далели назар ба солиёни пешин бамаротиб беҳтару хубтар гардидани ҳамин раванд мебошад.

Чаро ки дар ин самт дар қатори муассисаҳои таҳсилотии фаъолияташон ногузир, инчунин донишгоҳҳои халқӣ ва ҷамъияти "Дониш" – бузургтарин иттиҳоди тарғиботчиёни ихтиёрии дониш саҳми арзишманду бебаҳо доштанд. Яке аз шаклҳои паҳнгаштаи фаъолияти ин қабил ҷамъиятҳо тарғибу ташвиқи лексионӣ ба шумор мерафт, ки аз ин тариқа асосан кормандони Вазоратҳои умури дохилаву адлия, мақомоти додгоҳу додситонӣ ва дигар идороти интизомӣ ба ташаккули ҳисси итоату арҷгузории шаҳрвандон нисбати қонунҳои шӯравӣ мусоидат мекарданд [2, 17].

Гузашта аз ин, дар ҳамин давра мақомоти додситонии ҶШС Тоҷикистон худ дар алоҳидагӣ низ пайи иҷрои яке аз рисолатҳои ба зиммадоштаашон, ки дар паҳн сохтани ҳарҷи бештари донишҳои ҳуқуқӣ миёни оммаи меҳнаткаш ифода меёфт, кӯшиш ба харҷ медоданд. Бо ин ҳадаф мақомоти додситонии Тоҷикистони шӯравӣ, махсусан пойтахти он шаҳри Душанбе, дар доираи ҳар гуна чорабиниҳо ва ташкилу гузаронидани ашколи гуногуни тарғиботи ҳуқуқӣ, мисоли: соатҳои саволу ҷавоб, лексия, семинару конфронсҳо, мизи мудавар, суҳбату воҳӯриҳо ва ғайра шарҳу тафсири меъёрҳои ҳуқуқу қонунгузориҳоро дар коргоҳу ташкилотҳои хурду бузург, идораҳо, маҳалҳои сохтмонӣ, таълимгоҳҳо ва амсоли ин муассисаҳо пиёда мекарданд. Боз ҳам аз ҷониби ҳамин мақомот бо мақсади мусоидати фаъол дар рушди ҳуқуқии ҷомеа қабули шаҳрвандон ва таҳлилу баррасии аризаву шикоятҳои онҳо анҷом дода мешуд, ки аз ҷумлаи қадамгузориҳои устувор дар ҷодаи кашфи шаклҳои нави робита бо аҳолии кишвар ба шумор мерафт.

Бар замми ин, ҷиҳати имдод ба мақомоти додситонӣ дар таҳкимбахшии пояҳои ҳуқуқи сотсиалистӣ ва бурдани корҳои пешгирӣ аз содирёбии ҷиноят ва ҳар гуна зуҳуроти номатлуб, вобаста ба саркашӣ аз тақозои қонунгузориҳо миёни ҷомеа додгоҳҳо низ фаъолияти пурсамар мебурданд. Он замон ин ниҳодҳои иҷтимоӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ пайваста мекӯшиданд, то ки бо қабули ҳукмҳои аз бисёр ҷиҳат одилонаи худ дар ислоҳи шахсияти ҷинояткорону бедор кардани ҳисси эҳтироми шаҳрвандон нисбати талаботи ҳуқуқи шӯравӣ ҳиссагузор бошанд. Лозим ба тазаккур аст, ки яке аз анъаноти бисёр ибратомӯзи даврони шӯравӣ дар роҳи ҷилавгирии амиқ аз воқеъёбии рафторҳои зиддиҷамъиятии одамон ин, амал кардани додгоҳҳои рафиқона дар ҳама ташкилоту муассиса ва коргоҳҳои бузурги давлатӣ, саноату хадамотӣ маҳсуб мешавад. Ин навъи додгоҳҳо дар доираи фаъолияти худ вазифадор буданд, ки асосан бо роҳи талқин ва таъсирбахшии ҷамъиятӣ тадбирҳои пешгирикунанда ва тарбиявиро амалӣ намоянд [2, 16-17]. Кунун назири чунин додгоҳҳоро дар симои додгоҳҳои ҳакамӣ, ҳарчанд фаъолияти назаррас надошта бошанд ҳам, дидан мумкин аст.

Албатта дар радифи ин ҳама ниҳодҳо вазифаи аз ҳама бештар дар ҷодаи таҳвиил додани донишҳои ҳуқуқӣ ба шуури аҳолӣ ба зиммаи васоити ахбори омма, аз қабили матбуоти даврӣ, радио, телевизион ва муассисаҳои фарҳангу театрӣ вогузор шуда буд. Чун он ҳангом воситаҳои ғайритехникии ахбори омма назар ба техникиаш аз пешравии бештар бархӯрдор буданд, табиист, ки дар иҷрои ин кор маҳз маҷаллаҳо ва ҳафтаномаҳои сатҳи ҷумҳуриявию маҳаллӣ мавқеи хоса доштанд. Чунончи, тайи солҳои 1950 - 1970 дар саҳифоти ҳафтаномаҳои ҳамонвақта "Коммунист Таджикистана", "Комсомолец Таджикистана", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Вечерний Душанбе" ва ғайра амал кардани соири бахшҳо вобаста ба масоили рӯзмараи ҳуқуқӣ, ҳамзамон дар чаҳорчӯби онҳо ба табъ расидани теъдоди бешумори мақолот, ки ҳадафи тарбия кардани оммаи меҳнаткашро дар рӯҳияи огаҳӣ аз меъёрҳои ҳуқуқу қонунгузорио доштанд, ишора бар далел аст [2, 17;19].

Агар дар ин самт аз дидгоҳи объективонаи баҳодиҳӣ назар афканем, мебинем ки дар ин радиф аҳамияти театру толорҳои синамо низ кам набуд. Зеро маҳз дар ҳамин давра театри тоҷик дар таърихи рушди худ ба волотарин зинаҳои тараққиёт расида, чеҳраҳои бас зиндаёду шинохта ва ҳунармандони асилу соҳибистеъдодро рӯйи саҳна овард. Аксаран намоишномаҳои театрӣ вобаста ба ҳадафу мароми ҳокимияти давр перомуни мавзӯоти ахлоқӣ таҳия мешуданд, ки заминагузори аслии донишҳои ҳуқуқӣ дониста мешаванд. Дар бастагӣ аз авҷи камолоти театрҳо он айём толорҳояшон пур аз тамошобинон буданд, ки имрӯзҳо ҳатто орзуяшро кардан камоли хаёлпарастист.

**4) Солҳои 1971 – 1990.** Месазад эътироф кард, ки дар таърихи ташаккули назарияи педагогӣ замони мадиде буд, ки дар он ба қазияи тарбияи ҳуқуқӣ, ҳамчун ба ҷараёни мустақилу ҷудогона диққат дода намешуд. Барои мисол, дар маҷмӯи китобҳои соҳа андешаҳоро атрофи тарбияи зеҳниву ҷисмонӣ, ахлоқиву меҳнатӣ ва тарзҳои бедор сохтани завқи зебоиписандии насли наврас вохӯрдан мумкин буду аммо роҷеъ ба масоили тарбияи ҳуқуқӣ ҳатто ишораеро дарёфт кардан амри муҳол буд. Табиист, ки чунин ҳолат дар замони давлатдории мутамадин хоҳу нохоҳ ба вазъи огаҳии ҳуқуқии бисёре аз ашхоси ҷомеа таъсири манфӣ расонида [3, 5], пайваста бурдани корҳои тадқиқотиро дар ин самт аз сӯи олимон низ тақозо мекард.

Бинобар ин, маҳз бо пешбинии ахиран ба ҳолатҳои ногувор мувоҷеҳ шудани ҷомеа дар натиҷаи мустақар будани камтаваҷҷуҳӣ нисбати кори тарбияи ҳуқуқӣ ҳукуматдорони давлати бузурги шӯравиро водор сохт, то ки солҳои 70 ва нимаи аввали 80-ум ҷиддан пайи тарҳрезӣ ва амалигардонии нақшаву тасмимоти ҷадид перомуни ҳамин масъала шаванд. Ин буд, ки моҳи сентябри соли 1970 КМ ПКСС қарореро “Оид ба тадбирҳои беҳтаргардонии тарбияи ҳуқуқии меҳнаткашон” ва баъдтар моҳи августи соли 1979 “Дар бораи беҳтарсозии кор бобати ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва тақвияти мубориза алайҳи қонуншиканӣ”-ро ба тасвиб расонид. Ҳамзамон бо ин, таъсис ёфтани Вазорати ҷумҳуриявии адлияи ҶШС Тоҷикистон ва дар назди он амал кардани шӯрои методӣ - ҳамоҳангсозӣ оид ба тарғиботи ҳуқуқӣ, дида баромадани масоили тарғиби қонунҳои шӯравӣ аз тарафи комиссияҳои қонунгузори палатаи Шӯрои Олии ИҶШС, Президиуми Шӯрои Олии ҷамоҳири иттифоқӣ тавонистанд, ки пояи устувори вусъати низоми донишҳои ҳуқуқию кори тарбиявиро дар ин ҷода фароҳам оранд.

Бар асари чунин як заминаи боэътимод ва такони ҷиддӣ аз сӯи ҳукумат, маҳз солҳои 70-у 80-уми садаи гузашта кори тарбияи ҳуқуқӣ дар миқёси минтақа ва тамоми ҳудуди паҳновари ИҶШС дар кулли давраи равнақи таърихии худ ба дараҷаи олӣ рушд меёбад. Ҳамзамон сар аз ҳамин давра таҳлилҳои илмии қазия оғоз гардида, дар як муддати кӯтоҳ адабиёти ҳуқуқии ҳамон солҳоро бо маводҳои марбут ба масоили дарёфти роҳҳои таъмин сохтани бархурдории аҳолӣ аз муҳтавои ҳуқуқу қонунгузориҳо дар сатҳи басо кофӣ пур мекунанд. Бо мақсади татбиқи амалии дастоварду таҷрибаҳои касбгардида дар самти методикаи тарбияи ҳуқуқӣ соли таҳсили 1975/76 баъд аз расо чаҳор соли озмоишӣ тадриси ҳатмии фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” (дар ҳаҷми 35 соат) барои хонандагони синфҳои 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки то ин вақт танҳо соатҳои факултативии он (дар ҳаҷми 70 соат) барои синфҳои 9-10 амал мекард [1, 18], ба роҳ монда мешавад. Вале ёдовар мешавем, ки таълими ҳамин фан дар ҳама таълимгоҳҳои зинаи ибтидоии касбӣ бошад, каме барвақтар, аниқтараш аз соли таҳсили 1971/72 (дар ҳаҷми 25 соат) амалан ҷорӣ мегардад ва дар барномаи худ мавзӯъҳоро аз соҳаҳои ҳуқуқи маъмурӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ғайра дар бар мегирифт [3, 39]. Албатта раванди вусъатбахшии шуури ҳуқуқии муҳасилин дар ин марҳилаи аслан беҳтарини равнақи хеш танҳо дар доираи шакли асосии таълим – дарс маҳдуд нашуда, балки зимни ташкил ва гузаронидани ашколи беруназсинфию беруназмактабии кори тарбиявӣ низ, ки асосҳои

назариявии онҳоро аз китобу дастуроти соҳавии давр бидуни мушкилот пайдо кардан мумкин буд, ба амал бароварда мешуд.

Гузашта аз ин, чун дар марҳилаи як зина пештари тараққиёти ҳамин ҷараён, дар самти ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ миёни табақоти гуногуни аҳолии калонсол бошад, фаъолии ташкилотҳои ҳизбию комсомолӣ, иттифоқи касаба ва дигарон, ҳамчунин тарзи корбарии ҳадафманду муташаккилонаи соири мақомоти интизомӣ, мисоли умури дохилӣ, додгоҳу додситонии шаҳру ноҳияҳо, шӯрои методӣ - ҳамоҳангосозӣ оид ба тарғиботи ҳуқуқии назди Вазорати адлияи ҶСС Тоҷикистон ва додгоҳҳои халқӣ низ кам набуд. Зеро таҷрибаи касбие, ки ин ниҳодҳо дар зарфи чандин соли фаъолияти худ ба даст оварда буданд, ҳамакнун барояшон имкон дод, ки аз ҳарвақта дида бештару пурсамар амал карда бошанд. Махсусан, зимни фаъолияти созандаи шӯрои методӣ - ҳамоҳангосозӣ оид ба тарғиботи ҳуқуқии назди Вазорати адлия аз 24 октябри с. 1972, ки як қатор қарорҳои судманд роҷеъ ба болобурди маданияти шаҳрвандӣ, вусъатбахшии фаҳмиши ҳуқуқии ҷавонону мактабиёни синфҳои болоӣ ва дастпарварони таълимгоҳҳои касбӣ-техникӣ қабул ва мавриди амал пешбарӣ мешуданд. Иловат, донишгоҳҳои халқию факултаҳои донишҳои ҳуқуқӣ, ҷамъияти тарғиботии “Дониш”, васоити ахбори умум ва марказу муассисоти фарҳангу фароғатӣ (театр ва толорҳои синамо) ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоии дар ин давра ҳам доираи фаъолияташон нисбатан густурда, аз ҷумлаи институтҳои дар ҷодаи таъмини тарбияи ҳуқуқии афроди гуногунсинни меҳнаткаш соҳибмавқеи ба худ хос ба шумор мерафтанд [2, 18].

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти ин ҳама вазъи наҷиби такомулу густариши тарбияи ҳуқуқии минтақа дар солҳои 70 ва нимаи аввали 80-уми қарни гузашта бидуни ҳеҷ як муболиға гуфтан мумкин аст, ки маҳз ҳамин давраи ниҳоӣ пояи бас муҳками низоми донишҳои ҳуқуқӣ ва огаҳии аҳолиро аз онҳо муҳаё карда, ба ин васила ҳамчун замони беназиртарини рушди тарбияи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ сабт гардидааст. Зеро тавре пештар ҳам ишора гардид, таҳлилу баррасии илмӣ-назариявии қазияи ҳамон вақтҳо мубрами тарбияи ҳуқуқӣ маҳз дар ҳамин давра оғозу сурат гирифта, зимни он олимону пажӯҳишгарон тавонистанд, ки ба кашфу муайянсозии мафҳуму моҳият, таъиноти иҷтимоӣ, роҳу усулҳои татбиқи тарбияи ҳуқуқӣ, нақш ва мавқеи он дар пешрафти ҷомеа ва бисёр дигар паҳлӯҳои норӯшани ин масъала муваффақ шаванд. Аммо дере нагузашта, бинобар ҳодисоти маълуми таърихӣ сар аз солҳои 90-ум шиддатнокии чунин ҳолат дар миқёси давлати навини тоҷикон ва собиқ ИҶШС якуякбора коҳиш ёфта, минбаъд аз ҳукумати навтаъсиси Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон рӯи кор гирифтани иқдомоту тадбирандешиҳои ҷадид ва муассирро дар ин самт тақозо мекунад.

Аз ин ҷост, ки он замон ҳукумати тозабунёди Тоҷикистон бо роҳбарии раиси он, Президенти кунунии кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти авзои сиёсию ҳуқуқии мамлакат ва вобаста ба ин бо мақсади амалигардонии чораҷӯиҳои саривақтӣ чанд асноди расмиро қабул ва ба имзо мерасонад, аз ҷумла: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели с. 1997, таҳти № 691 “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели с. 1997, таҳти № 383 “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ”. Ва хурсандиовар ин буд, ки бо зоҳиршавии чунин як аксуламали фаврӣ аз сӯи ҳукуматдорон, яъне ба тасвиб расидани ҳуҷҷатҳои лозимаи давлатӣ, Тоҷикистони ба тозагӣ аз вартаи ҷангу хунрезиҳои дохилӣ раҳоиёфта, тавонист ҷиҳати кушодани фоли нек дар робита ба таъмини ботадриҷи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандонаш нахустин қадамҳои боварибахши худро гузорад. Ҳамзамон бо ин, қабул гардидани асноди номбурда каме баъдтар дар таҳия ва тасдиқи “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2019”, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели с.

2009, таҳти № 253 тасдиқ карда шудааст, заминаи мусоиди ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои асосӣ – тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар кишвар ҳамдигарро пурра намуданд [4, 4].

Инак, тайи наздик ба бисту панҷ соли соҳибистиқлолист, ки масъулину мутахассисин, олимон ва пажӯҳишгарони соҳа таҳти ҳидояти бевоситаи ҳукумати мамлакат, хоса пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон бо сарфарозӣ аз ин неъмати воло пайваста сӯи дарёфту татбиқи дастовардҳои илмӣ дар самти роҳандозии саҳеҳи раванди тарбияи ҳуқуқии афроди калонсол ва насли наврас, ки ҳатман дар оянда омили даст ёфтан ба бунёди ҷомеаи низомаш аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳамтои кишварҳои пешрафта хоҳад шуд, талоши афзун доранд. Аз ҷумла таҳқиқоти анҷомдодаи мо низ, ҷиҳати расидагирӣ дар муаммокушоии ҳамин қазия, ки минбаъд пайгирии идомааш дар назар аст, яке аз онҳост.

**Адабиёт:**

1. Вербицкий Н.П. Теоретические вопросы правового воспитания школьников. Автореф. дис. канд. юрид. наук. – М., 1987. – 23. с.
2. Давлатов Ф.Ш. Историко-педагогические условия развития правовых знаний в Таджикистане. Автореф. дис. кант.пед. наук. – Душанбе, 2011. – 22. с.
3. Долгова А.И. и др. Правовое воспитание несовершеннолетних. – М.: “Знание”, 1977. – 96. с.
4. Масоили тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқӣ. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2010. – 116 саҳ.
5. Обухов В.М. Педагогические основы формирования социально-правового опыта подростков. Автореф. дис. докт. пед. наук. – М., 1988. – 32. с.
6. Хамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодежы в Республики Таджикистан. Дисс. канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003. – 183. с.

**ХАМИДОВ У.Т.**

## ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье автор рассматривает особенности правового воспитания таджикского народа в в советское время и указывает на продуктивность некоторых сторон.

Автор выделил четыре хронологических этапах такого периода и подробно освещает их в своей статье.

**Ключевые слова:** правовое воспитание, законодательство, правовая культура, право, силовые структуры, школы, правовые знания, гражданин.

**KHAMIDOV U.**

## LEGAL EDUCATION OF TAJIK PEOPLE IN THE SOVIET PERIOD

Historical knowledge of all learning and education enables the prosperity of the new society. Therefore, the author in his article refers to the efficiency of certain aspects of legal education of the Soviet Union.

The basic meaning of the article points to the legal education of the Tajik people in four chronological stages of the Soviet Union, which differ from each other. These steps are illustrated by the author in the article in detail.

**Keywords:** legal education, law, legal culture, law, law enforcement agencies, schools, legal knowledge, citizen.